# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6DKOA-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

Пас аз омӯзиши ҳамаҷонибаи кори илмии пешниҳоднамудаи Субҳонзода Салоҳиддин Икром, ки ба таҳқиқи равандҳои ташаккул ва тағйирёбии тасвири илмии олам дар таълимоти фалсафии анъанаҳои Шарқу Ғарб бахшида шудааст, метавон бо итминон зикр кард, ки ин тадқиқот дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Мавзӯи тадқиқот дар шароити рушди босуръати илму технология ва ҳамзамон афзоиши таҳдидҳои ҷаҳонӣ хусусияти ниҳоят муҳим ва саривақтӣ дорад. Муаллиф далел меорад, ки барои таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, бахусус дар миёни насли ҷавон, зарур аст сохтори тасвири олам бо такя ба ду пояи асосии он — ҳастишиносӣ (онтология) ва маърифатшиносӣ (гносеология) — мавриди таҳқиқи чуқур қарор гирад.

Мақсади асосии кор — таҳлили решаҳои таърихӣ, консептуалӣ ва методологии тасвири илмии олам, муайян кардани ҷанбаҳои умумӣ ва фарқкунандаи он дар мактабҳои фалсафии давраҳои гуногун, ва нишон додани нақши категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун унсурҳои калидии тафаккури фалсафӣ мебошад.

Дар тадқиқот манбаъҳои таълимоти Юнони Қадим ва равияҳои фалсафии Шарқ бо таҳлилҳои мактабҳои асримиёнагӣ. Замони нав, фалсафаи классикии немис ва ҷараёнҳои муосир муқоиса карда шудаанд. Муаллиф тавонистааст тавассути таҳлили системавӣ равобити мантиқии ин мактабҳоро ошкор намояд ва шарҳи нав пешниҳод кунад, ки дар фалсафаи тоҷик то ин замон бо чунин тартиби комил анҷом наёфтааст.

**Нововарии илмии рисола** дар пешниҳоди модели системавии сохтори тасвири илмии олам ва тавзеҳи мақоми категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад

ҳамчун воситаҳои таҳлил ва синтези дониш мебошад. Муаллиф бо далел нишон медиҳад, ки ин категорияҳо дар ҳамаи давраҳои асосии таърихи фалсафа нақши асосӣ дошта, ҳамзамон дар ҳар давра мувофиқи заминаҳои фарҳангӣ ва методологӣ бозфаҳмӣ шудаанд.

Арзиши назариявии таҳқиқо́т дар такмили методологияи таҳлили фалсафӣ ва тавсеаи заминаҳои консептуалӣ барои фаҳмиши сохтори воқеият ва муносибати инсон бо он ифода меёбад. Арзиши амалии он дар имкони истифодаи натиҷаҳо дар таҳияи курсҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин дар таҳқиқоти байнисоҳавӣ мебошад. Муаллиф бо такя ба таҳқиқоти амиқ ва манбаъҳои аслӣ, ташаккул ва тағйирёбии тасвири илмии оламро ҳамчун падидаи фалсафӣ дар раванди инкишофи таърихи андешаи башарӣ таҳлил кардааст. Диссертатсия на танҳо заминаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва методологии масъалаи тасвири илмии оламро ошкор менамояд, балки категорияҳои калидии «кулл», «махсус» ва «муҷаррад»-ро ҳамчун унсурҳои системасоз дар сохт ва таҳаввули он муайян менамояд. Бо ин роҳ, муаллиф робитаи байни шаклҳои ҳастӣ ва модели фалсафии ҷаҳонро тавассути таҳлили таълимоти мактабҳои фалсафии Шарқу Ғарб инъикос намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ бо истифода аз номгӯйи муайяни адабиёти илмӣ ва маъхазҳо пешниҳод шудааст. Мавқеи пешниҳодкардаи диссертант дар матни кори диссертатсионӣ илман асоснок карда шудааст. Кори диссертатсионӣ баёнгари он аст, ки муаллифи он дорои қобилияти илмӣ буда, муваффақ шудааст, ки моҳияти илмӣ ва фалсафии мавзуъро баён созад. Болотар аз ин ба мақсади дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои рисола пешниҳодҳои мушаххасро пешкаш намудааст.

Коммисияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқаррароти муайянкардаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ мебошад ва ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 барои ҳимоя карданд қабул карда шавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Ибодов Маҳмадулло Орипович- доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ;
- Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич- доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсатӣ Тоҷикистон;
- Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович- доктори илмҳои фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров тавсия дода шавад.

- Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икромро дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАРД:**

1. Диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икромро дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Ибодов Маҳмадулло Орипович- доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ;

- Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич- доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсатӣ Тоҷикистон.

- Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович- доктори илмҳои фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Шамолов А.А.

**Аъзои комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Назариев Р.З.

доктори илмҳои фалсафа Ниёзӣ Ё.Б.

"25" 08 соли 2025